Дар ҳақиқат, аз баробарии (22) барои ҳаргуна $m, n \in \mathbb{N}$, $r, s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$, $0 < t < 1$ ва ихтиёри вектори $f \in H^r(A)$ нобаробарии

$$E_{n-1}(A^s f) \leq \big(1 - \varphi_n(t)\big)^{-m} \lambda_n^{-(r-s)} \Omega_m(A^r f; t) \tag{23}$$

мебарояд. Дар тарафи рости (23) $t = 1/n$ гузошта, нобаробарии намуди Ҷексон–Стечкинро дар шакли

$$E_{n-1}(A^s f) \leq \big(1 - \varphi(1/n)\big)^{-m} \lambda_n^{-(r-s)} \Omega_m(A^r f; 1/n) \tag{24}$$

бо доимии ошкори $C(n, m, r, s; \varphi_n) = (1 - \varphi(1/n))^{-m}$ ҳосил мекунем.

Агар функсияи $\varphi_n(t)$ пешакӣ дода шуда бошад, он гоҳ доимии $C(n, m, r, s; \varphi_n)$-ро аниқ кардан мумкин аст. Масалан, агар $\varphi_n(t) = (1 - t)^n$ бошад, он гоҳ

$$\sup_{n \in \mathbb{N}} C(n, m, r, s; \varphi_n) = \sup_{n \in \mathbb{N}} \left[1 - \left(1 - \frac{1}{n}\right)^n\right]^{-m} = \big(1 - e^{-1}\big)^{-m}$$

мебошад, ки онро мо дар параграфи 2.2 ҳисоб карда будем.

Тасдиқоти умумитари зерин ҷой дорад.

Теоремаи 2.4.2. *Бигузор $n, m \in \mathbb{N}$, $r, s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$, $0 < p \leq \infty$, $h \in (0, 1]$ ва $q(t)$ — функсияи вазнӣ дар порчаи $[0, h]$ бошад. Он гоҳ баробарии зерин ҷой драд:*

$$\sup_{f \in H^{(r)}(A)} \frac{\lambda_n^{r-s} E_{n-1}(A^s f)}{\left(\int\limits_0^h \Omega_m^p(A^r f; t) q(t) dt\right)^{1/p}} = \left(\int\limits_0^h \big(1 - \varphi_n(h)\big)^{mp} q(t) dt\right)^{-1/p}. \tag{25}$$

Таърифи характеристикаи суфтагии (20)-ро истифода бурда, дар параграфи 2.2 мо синфи векторҳои $W_p^{(r)}(\Omega_m, q)$-ро дохил карда будем, ки дар ин ҷо $r \in \mathbb{Z}_+$, $0 < p \leq \infty$, q — функсияи вазнӣ дар $[0, h]$ мебошад, ки ба $H^{(r)}(A)$ тааллуқ дошта, шарти

$$\int\limits_0^h \Omega_m^p(A^r f, t) q(t) dt \leq 1$$

-ро қаноат мекунонад.

Дар ин ҷо талаб карда мешавад, ки барои ҳаргуна $m, n \in \mathbb{N}$ ва ихтиёрӣ s $(0 \leq s \leq r)$ бузургии

$$\mathscr{E}_{n-1}^{(s)}(W_p^{(r)}(\Omega_m; q)) = \sup\left\{E_{n-1}(A^s f) : f \in W_p^{(r)}(\Omega_m; q)\right\} \tag{26}$$

ёфта шавад.

Теоремаи 2.4.3. *Баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\mathscr{E}_{n-1}^{(s)}(W_p^{(r)}(\Omega_m; q)) = \lambda_n^{-(r-s)} \left(\int\limits_0^h (1 - \varphi_n(t))^{mp} q(t) dt\right)^{-1/p}.$$

Натиҷаи 2.4.1. *Ҳангоми иҷро шудани шартҳои теоремаи* 2.4.3 *барои* $q(t) := q_*(t) = -\varphi_n'(t) > 0$, $0 \leq t \leq h$ *баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\mathscr{E}_{n-1}^{(s)}(W_p^{(r)}(\Omega_m; q_*)) = \frac{1}{\lambda_n^{r-s}} \cdot \left\{\frac{(1 - \varphi_n(h))^{m+1/p}}{(mp+1)^{1/p}}\right\}^{-1/p}.$$

Параграфи панҷуми фасли дуюм ба ҳисоб кардани қимати қутрҳои баъзе синфи векторҳо бахшида шудааст. Пеш аз овардани натиҷаҳои ин параграф, баъзе мафҳумҳои ва таърифҳоро дохил мекунем. Бигузор H — фазои гилбертии векторҳо, $\mathbb{S}$ — курраи воҳидӣ дар H; Q — маҷмуи марказӣ-симметрӣ аз H; $\Lambda_n \subset H$ — фазои n-ченака; $\Lambda^n \subset H$ — зерфазои коченакаи n; $\mathcal{L} : H \to \Lambda_n$ — оператори хаттии бефосила; $\mathcal{L}^\perp : H \to \Lambda_n$ — оператори хаттии бефосилаи проектиронӣ. Бузургиҳои [18, 19]

$$\begin{gathered}
b_n(Q, H) := \sup\left\{\sup\left\{\varepsilon > 0;\ \varepsilon\mathbb{S} \cap \Lambda_{n+1} \subset Q\right\} : \Lambda_{n+1} \subset H\right\}, \\
d_n(Q, H) := \inf\left\{\sup\left\{\inf\left\{\|f - g\| : g \in \Lambda_n\right\} : f \in Q\right\} : \Lambda_n \subset H\right\}, \\
\delta_n(Q, H) := \inf\left\{\inf\left\{\sup\left\{\|f - \mathcal{L}f\| : f \in Q\right\} : \mathcal{L}H \subset \Lambda_n\right\} : \Lambda_n \subset H\right\}, \\
d^n(Q, H) := \inf\left\{\sup\left\{\|f\| : f \in Q \cap \Lambda^n\right\} : \Lambda^n \subset H\right\}, \\
\Pi_n(Q, H) := \inf\left\{\inf\left\{\sup\left\{\|f - \mathcal{L}^\perp f\| : f \in Q\right\} : \mathcal{L}^\perp H \subset \Lambda_n\right\} : \Lambda_n \subset H\right\}
\end{gathered}$$

мувофиқан *n-қутрҳои бернштейнӣ, колмогоровӣ, хаттӣ, гелфандӣ, проексионии* маҷмуи Q дар фазои H номида мешаванд. Азбаски H фазои гилбертӣ мебошад, он гоҳ байни бузургиҳои номбаршуда муносибатҳои зерин ҷой доранд:

$$b_n(Q,H) \le d^n(Q,H) \le d_n(Q,H) = \delta_n(Q,H) = \Pi_n(Q,H).$$

Синфи векторҳоеро ворид мекунем, ки бароишон қимати аниқи n-қутрҳои дар боло воридшударо дар фазои гилбертии H ҳисоб мекунем:

$W^r(A) := \big\{f \in H^r(A) : \|A^r f\| \le 1\big\}$;

$W^r_m(A,\Phi)$ — синфи векторҳои $f \in H^r(A)$, ки бароишон

$$\Omega_m(A^r f; t) \le \Phi(t), \ \ m \in \mathbb{N}, \ r \in \mathbb{Z}_+,$$

дар ин ҷо $\Phi(t)$ — функсияи ғайриманфии монотони афзуншаванда дар $\mathbb{R}_+ := [0,\infty)$ мебошад, ки $\Phi(0) = 0$ аст;

$W^r(\Omega_m; q)$ — синфи векторҳои $f \in H^r(A)$, ки шарти зеринро қаноат мекунонанд:

$$\int\limits_0^h \Omega^p_m(A^r f, t) q(t) dt \le 1.$$

Натиҷаи теоремаи 2.2.1 имконият медиҳад, ки теоремаи зеринро барои синфи векторҳои $W^r(A)$ дар параграфи 2.2 дохилкардашударо исбот намоем.

Теоремаи 2.5.1. *Бигузор $n \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$. Он гоҳ баробарии*

$$\rho\big(W^r(A), H\big) = \lambda_n^{-r} \tag{27}$$

ҷой дорад, ки $\rho_n(\cdot)$ — ихтиёри аз n-қутрҳо: бернштейнӣ $b_n(\cdot)$, колмогоровӣ $d_n(\cdot)$, гелфандӣ $d^n(\cdot)$, хаттӣ $\delta_n(\cdot)$ ва проексионӣ $\Pi_n(\cdot)$ мебошад.

Теоремаи 2.5.2. *Бигузор $n, m \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$, $h \in (0,1)$. Он гоҳ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\rho_n\big(W^r_m(A,\Phi), H\big) = \lambda_n^{-r}\big[1-(1-h)^n\big]^{-k}\Phi(h), \tag{28}$$

ки дар ин ҷо $\rho_n(\cdot)$ — ихтиёри аз n-қутрҳои $b_n(\cdot)$, $d_n(\cdot)$, $d^n(\cdot)$, $\delta_n(\cdot)$ ё $\Pi_n(\cdot)$ мебошад.

Инчунин тасдиқоти зерин ҷой дорад.

Теоремаи 2.5.3. *Бигузор $n, m \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$, $1 \le p \le \infty$, $h \in (0,1)$, q — функсияи вазнӣ дар $(0,h)$ бошад. Он гоҳ баробарии*

$$\rho_n(W^r(\Omega_m, q), H) = E_{n-1}(W^r(\Omega_m, q)) = \lambda_n^{-r}\left\{\int\limits_0^h \big[1-(1-t)^n\big]^{mp} q(t)dt\right\}^{-1/p}$$

ҷой дорад, ки дар ин ҷо

$$E_{n-1}(W^r(\Omega_m, q)) := \sup\left\{E_{n-1}(f) : f \in W^r(\Omega_m, q)\right\},$$

ва $\rho_n(\cdot)$ *— ихтиёри аз қутрҳои* $b_n(\cdot)$, $d_n(\cdot)$, $\delta_n(\cdot)$, $d^n(\cdot)$ *ва* $\Pi_n(\cdot)$ *мебошад.*

Дар параграфи ниҳоии шашуми боби дуюм бо мақсади муқоиса кардани теоремаи умумии 2.4.2 ва татбиқи он баъзе натиҷаҳо оид ба наздиккунии беҳтарини функсияҳо дар тамоми тири ададӣ тавассути суммаҳои қатор, ки аз руйи бисёраъзогиҳои ортогоналии Чебишёв–Эрмит ҷудо шудаанд, тасвир ёфтаанд.

Дар фасли сеюм қиматҳои аниқи сарҳади болоии наздиккунии беҳтарин ба воситаи суммаҳои Фурйе аз руйи функсияҳои хоси масъалаи Штурм–Лиувилл барои баъзе синфи функсияҳо, ки ба воситаи модули бефосилагии умумикардашуда характеризонида мешаванд, ҳисоб карда шудаанд. Дар ин фасл инчунин нобаробариҳои намуди Ҷексон–Стечкин, ки дар онҳо бузургии наздиккунии беҳтарин аз боло ҳам бавоситаи модули бефосилагии умумикардашуда ва ҳам $\mathscr{K}$-функсионалҳо аз ҳосилаи тартиби r-ум баҳо дода мешавад, ёфта шудаанд.

Мақсади асосии ин фасл татбиқи теоремаҳои дар фасли дуюм исботкардашуда ба оператори Штурм–Лиувилл мебошад ва дар ҳолати хусусӣ татбиқи онҳо дар наздиккунии беҳтарини функсияҳо, ки дар соҳаҳои мувофиқ аз руйи бисёраъзогиҳои ортогоналии классикӣ (Чебишев–Лагерр, Чебишев–Эрмит, Якоби ва ғайраҳо) ҷудо шудаанд, нишон дода мешавад. Инчунин қимати аниқи n-қутрҳои гуногун барои синфи функсияҳое, ки ҳангоми ҳалли масъалаҳои экстремалӣ дар теоремаҳои 3.1.1, 3.1.2 ва 3.2.2 пайдо шуданд, ҳисоб карда мешаванд. Синфҳои нишондодашуда, бо он муайян карда мешаванд, ки $\mathscr{K}$-функсионали ҳосилаи тартиби r-уми онҳо аз боло бо мажорантаи додашудаи Φ маҳдуд мебошад.

Дар параграфи якуми фасли сеюм наздиккунии беҳтарини функсияҳо ба тавассусти қаторҳои Фурйе аз руйи функсияҳои хусусии масъалаи Штурм–Лиувилл дар фазои L_2 ёфта шудаанд.

Бигузор

$$\mathcal{D} := -\frac{1}{p(x)}\left(\frac{d}{dx}\left[k(x)\frac{d}{dx}\right] - q(x)\right) - \tag{29}$$

оператори дифференсиалии тартиби дуюми Штурм–Лиувилл бошад, ки функсияҳои $p, q \in C[a,b]$, $k \in C^1[a,b]$, $p(x) > 0$, $q(x) \geq 0$ барои ҳаргуна $x \in [a,b]$ мебошад.

Хотиррасон мекунем [20], ки масъалаи Штурм–Лиувилл аз ёфтани ҳалли муодилаи

$$\mathcal{D}[u] = \lambda u, \tag{30}$$

дар сегманти $[a,b]$ мебошад, ки шартҳои якҷинсаи канории

$$\alpha u(a) + \beta u'(a) = 0, \quad \alpha^2 + \beta^2 \neq 0,$$
$$\gamma u(b) + \mu u'(b) = 0, \quad \gamma^2 + \mu^2 \neq 0 \tag{31}$$

қаноат мекунонанд. Бояд ба назар гирифта шавад, ки соҳаи муайянии оператори $\mathcal{D}$ аз функсияҳои $u(x)$ синфи

$$C^{(2)}(a,b) \cap C^{(1)}(a,b), \quad u''(x) \in L_2(a,b),$$

иборат аст, ки шартҳои (31)-ро қаноат мекунонад.

Пеш аз он ки теоремаҳои дар параграфҳои 2.3 ва 2.4-и боби дуюм исбот шударо ба оператори Штурм–Лиувилл ва ҳолатҳои махсуси он, ба монанди ҷудокунӣ аз руйи функсияҳои хоси масъалаҳои канории навъи Штурм–Лиувилл бо истифода аз бисёраъзогиҳои ортогоналии классикӣ (Чебишев–Лагерр, Чебишев–Эрмит, Якобӣ ва ғайра) татбиқ карда шаванд, лозим аст исбот карда шавад, ки оператори Штурм–Лиувилл, ки бо баробарии (29) муайян шудааст, оператори симметрӣ мебошад. Симметри будани оператори (29) дар параграфи якуми ҳамин боб исбот карда шудааст.

Ошкор аст, ки масъалаи гузошташудаи Штурм-Ливулл (30) – (31) ҳамеша ҳалли нулӣ дорад, ки на он қадар диққатҷалбкунанда аст ва бинобар ҳамин масъалаҳои (30) – (31)-ро ҳамчун масъала доир қимати хоси оператор $\mathcal{D}$ дида баромада шавад. Ҳалҳои ҷустуҷушудаи ғайритривиалӣ функсияҳои хусусии ин масъала номида мешаванд ва қиматҳои λ, ки барояшон ҳал мавҷуд аст, қиматҳои хусусии он номида мешаванд. Хосиятҳои зерини қиматҳои хусусӣ ва функсияи хусусии оператори $\mathcal{D}$ маълум мебошанд:

1) маҷмуи ҳисобии қиматҳои хусусии $\{\lambda_k\}_{k=1}^{\infty}$:

$$\lambda_1 < \lambda_2 < \cdots < \lambda_k < \lambda_{k+1} < \cdots$$

мавҷуд мебошанд;

2) барои ҳар яки қимати хусусии λ_n ягона функсияи хусусии $u_n(x)$ бо саҳеҳии то зарбшавандаи доимӣ мувофиқат мекунад;

3) функсияҳои хусусии $\{u_k(x)\}_{k=1}^{\infty}$ дар порчаи $[a,b]$ системаи ортогоналии бо вазни $p(x)$-ро ташкил медиҳанд

$$\int\limits_a^b p(x)u_k(x)u_n(x)dx = 0, \; n \neq k,$$

ки мувофиқи хосияти 2 онро ортонормиронидашуда фарз кардан мумкин аст.

Бигузор $L_2(p(x),[a,b])$ — фазои функсияҳои бо квадрат суммиронидашаванда $f:[a,b]\to R$ бо вазни $p(x)$ ва нормаи охирноки

$$\|f\|=\left(\int\limits_a^b p(x)f^2(x)dx\right)^{1/2}$$

бошад.

4) системаи функсияҳои хоси оператори $\mathcal{D}$ пурра дар фазои $L_2(p(x),[a,b])$ хобад;

5) барои шартҳои сарҳадии $u(a)=u(b)=0$ ва $q(x)\geq 0$ қиматҳои хусусии $\lambda_n,\ n\in\mathbb{N}$ — мусбат мебошанд. Бигузор функсияи $f\in L_2(p(x),[a,b])$ ва

$$f(x)=\sum_{k=1}^{\infty}c_k(f)u_k(x),\quad c_k(f)=\int\limits_a^b p(x)f(x)u_k(x)dx \tag{32}$$

— қатори Фурйеи он мебошад. Бо

$$S_{n-1}(f,x)=\sum_{k=1}^{n-1}c_k(f)u_k(x)$$

суммаҳои хусусии тартиби $(n-1)$-уми қатори Фурйеи (32)-ро ишора мекунем. Инчунин

$$\mathcal{P}_n:=\left\{p_n(x):p_n(x):=\sum_{k=1}^{n}a_ku_k(x)\right\}$$

мегузорем. Бо баробарии

$$E_{n-1}(f):=E_{n-1}(f)_{L_{2,p(x)}}=\inf\{\|f-p_{n-1}\|:p_{n-1}\in\mathcal{P}_{n-1}\}$$

наздиккунии беҳтарини функсияҳои $f\in L_2(p(x),[a,b])$ аз руйи зерфазоҳои $\mathcal{P}_{n-1}$ бисёраъзогиҳои тартибашон аз $n-1$ калон набударо ишора мекунем.

Ошкор аст, ки

$$E_{n-1}(f):=E_{n-1}(f)_{L_{2,p(x)}}=\|f-S_{n-1}(f)\|=\left\{\sum_{k=n}^{\infty}c_k^2(f)\right\}^{1/2}. \tag{33}$$

Функсияи зеринро дохил мекунем:

$$T(x,y;h)=\sum_{k=1}^{\infty}u_k(x)\upsilon_k(y)h^k, \tag{34}$$

ки дар ин ҷо $h\in(0,1)$, $x,y\in[a,b]$, аломати баробарӣ дар (34) ба маънои наздиккуни дар фазои $L_2(p(x),[a,b])$ фаҳмида мешавад.

Оператори $\mathcal{F}_h : L_2(p(x),[a,b]) \to L_2(p(x),[a,b])$ намуди

$$\mathcal{F}_h f(x) = \int\limits_a^b p(t)f(t)T(x,t;1-h)dt \tag{35}$$

-ро дида мебароем. Қайд мекунем, ки оператори (35) дорои хосиятҳои соддае мебошад, ки онҳоро истифода бурда, модули бефосилагии умумикардашудаи тартиби m-и функсияи $f \in L_2(p(x),[a,b])$-ро дохил мекунем:

$$\Omega_m(f;\delta) := \sup\{\|\Delta_h^m f(x)\| : 0 < h \le \delta\}$$

Бигузор $\mathcal{D}^0 f := f$, $\mathcal{D}^1 f := \mathcal{D}f$ ва барои ҳаргуна $r \in \mathbb{N}$, $r \ge 2$, $\mathcal{D}^r f := \mathcal{D}^1(\mathcal{D}^{r-1}f)$, ки дар ин ҷо $\mathcal{D}$ — оператори Штурм–Лиувилл мебошад. Бо $L_2^{(r)} := L_2^{(r)}(\mathcal{D})$ синфи функсияҳои $f \in L_2(p(x),[a,b])$ ишора мекунем, ки барояшон $\mathcal{D}^r f \in L_2(p(x),[a,b])$ ва функсияи f шартҳои канории зеринро қаноат мекунонад:

$$f^{(l)}(a) = f^{(l)}(b), \quad l = 1,2,\ldots,(2r).$$

Азбаски оператори Штурм–Лиувилл $\mathcal{D}$ симметрӣ мебошад, он гоҳ барои ин оператор ҳамаи тасдиқотҳои дар параграфи 2.2-и фасли дуюм исботшуда ҷой доранд ва бинобар ҳамин дар ин ҷо мо барои оператори Штурм–Лиувилл $\mathcal{D}$, ки бо баробарии (29) муайян карда мешавад, фақат формулировкаҳояшонро меорем, то ки барои ҳолати хусусии масъалаи намуди Штурм–Лиувилл ва ҷудокунии функсия аз руйи функсияҳои махсуси физикаи математикӣ мушаххас намоем.

Теоремаи 3.1.1. *Бигузор $n, r \in \mathbb{N}$, $s \in \mathbb{Z}_+$, $r \ge s$ бошад. Он гоҳ баробарии*

$$\sup_{f \in H^r(A)} \frac{E_{n-1}(\mathcal{D}^s f)}{E_{n-1}(\mathcal{D}^r f)} = \frac{1}{\lambda_n^{r-s}}$$

ҷой дорад.

Аз ин теорема натиҷаи зерин мебарояд.

Натиҷаи 3.1.1. *Ҳангоми иҷро шудани шартҳои теоремаи* 3.1.1 *барои операторҳои дар масъалаҳои I–III дидабаромадашуда баробариҳои зерин ҷой доранд:*

I. барои бисёраъзогиҳои Чебишев–Эрмит

$$\sup_{f \in H^r(\mathscr{H})} \frac{E_{n-1}(\mathscr{H}^s f)}{E_{n-1}(\mathscr{H}^r f)} = \frac{1}{(2n)^{r-s}}, \ r \ge s \ (r, s \in \mathbb{Z}_+);$$

II. барои бисёраъзогиҳои Чебишев–Лагерр

$$\sup_{f \in H^r(\mathcal{L})} \frac{E_{n-1}(\mathcal{L}^s f)}{E_{n-1}(\mathcal{L}^r f)} = \frac{1}{n^{r-s}}, \ r \ge s \ (r, s \in \mathbb{Z}_+);$$

III. барои бисёраъзогиҳои Чебишев–Якоби

$$\sup_{f\in H^r(\mathcal{J}_{\alpha,\beta})}\frac{E_{n-1}(\mathcal{J}^s_{\alpha,\beta}f)}{E_{n-1}(\mathcal{J}^r_{\alpha,\beta}f)}=\frac{1}{[n(n+\alpha+\beta+1)]^{r-s}},\ r\geq s\ (r,s\in\mathbb{Z}_+).$$

Айнан ҳамин тавр, теоремаи 2.4.2-ро барои оператори Штурм–Лиувилл $\mathcal{D}$ татбиқ намуда, тасдиқоти зеринро ҳосил мекунем.

Теоремаи 3.1.1. *Бигузор $n,m\in\mathbb{N}$, $r,s\in\mathbb{Z}_+$, $r\geq s$, $0<p\leq\infty$, $h\in(0,1)$ и $q(t)$ — функсияи вазнӣ дар $[0,h]$ бошад. Он гоҳ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup_{f\in H^r(\mathcal{D})}\frac{\lambda_n^{r-s}E_{n-1}(\mathcal{D}^s f)}{\left(\int\limits_0^h\Omega_m^p(\mathcal{D}^r f;t)q(t)dt\right)^{1/p}}=\left(\int\limits_0^h(1-\varphi_n(h))^{mp}q(t)dt\right)^{-1/p}.$$

Аз ин теорема натиҷаи зерин мебарояд:

Натиҷаи 3.1.1. *Барои иҷро шудани шартҳои теоремаи 3.1.2 барои операторҳои дар масъалаҳои I–III-и параграфи 2.2 муайяншуда баробариҳои зерин ҷой доранд:*

I. барои бисёраъзогиҳои Чебишев–Эрмит

$$\sup_{f\in H^r(\mathscr{H})}\frac{(2n)^{r-s}E_{n-1}(\mathscr{H}^s f)}{\left(\int\limits_0^h\Omega_m^p(\mathscr{H}^r f;t)q(t)dt\right)^{1/p}}=\left(\int\limits_0^h(1-\varphi_n(h))^{mp}q(t)dt\right)^{-1/p};$$

II. барои бисёраъзогиҳои Чебишев–Лагерр

$$\sup_{f\in H^r(\mathcal{L})}\frac{n^{r-s}E_{n-1}(\mathcal{L}^s f)}{\left(\int\limits_0^h\Omega_m^p(\mathcal{L}^r f;t)q(t)dt\right)^{1/p}}=\left(\int\limits_0^h(1-\varphi_n(h))^{mp}q(t)dt\right)^{-1/p}.$$

III. барои бисёраъзогиҳои Якоби

$$\sup_{f\in H^r(\mathcal{J}_{\alpha,\beta})}\frac{[n(n+\alpha+\beta+1)]^{r-s}E_{n-1}(\mathcal{J}^s_{\alpha,\beta}f)}{\left(\int\limits_0^h\Omega_m^p(\mathcal{J}^r_{\alpha,\beta}f;t)q(t)dt\right)^{1/p}}=\left(\int\limits_0^h(1-\varphi_n(h))^{mp}q(t)dt\right)^{-1/p}.$$

Параграфи дуюми фасли сеюм ба татбиқи $\mathscr{K}$-функсионал Петре бахшида шудааст. Дар назарияи наздиккунии функсияҳо бисёр вақт аналитикӣ иваз намудани функсияи мураккаб f бо функсияи кифоя суфтаи g чунон истифода бурда мешавад, ки хатогии дар ин маврид ҳосилшуда бояд кифоя хурд бошад. Татбиқи самаранокии ин усул ба методи $\mathscr{K}$-функсионали Петре дар назарияи интерполятсионии фазоҳо асос ёфтааст [21]. Татбиқи $\mathscr{K}$-функсионалҳо инчунин дар ҳалли масъалаҳои экстремалии назарияи наздиккунии функсияҳо низ ҳалли худро ёфтааст [21–23]. Бо истифода аз гузоришҳои қаблан воридшуда, мо дар ҳолати дидабаромадашаванда $\mathscr{K}$-функсионаро муайян мекунем

$$\mathscr{K}_m(f,t^m) := \mathscr{K}_m(f,t^m;L_2,L_2^{(m)}) = \inf\left\{\|f-g\| + t^m\|\mathcal{D}^m g\| : g\in L_2^{(m)}\right\}, \quad (36)$$

ки дар ин ҷо $m\in\mathbb{N},\ t\in(0,1)$, $L_2 := L_2(p(x);[a,b])$.

Ҷолиби диққати махсус аст, ки қимати аниқи бузургиҳои экстремалии дар баробарии (13) овардашуда, ки ба ҷои модули бефосилагии (11) $\mathscr{K}$-функсионали (36) истифода мешавад, ҳисоб карда шавад.

Теоремаи 3.2.1. *Барои ҳаргуна $n,m\in\mathbb{N},\ r\in\mathbb{Z}_+$ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup_{f\in L_2^{(r)}} \frac{\lambda_n^r E_{n-1}(f)}{\mathscr{K}_m(\mathcal{D}^r f, 1/\lambda_n^m)} = 1.$$

Натиҷаи исботкардашудаи теоремаи 3.2.1-ро истифода бурда, қимати n-қутрҳои баъзе синфи функсияҳо, ки ба воситаи $\mathscr{K}$-функсионал ва $\mathcal{D}^r f$ дода мешаванд, ҳисоб мекунем. Функсияи $\Phi(t)$, ки дар $[0,\infty)$ камнашаванда аст, k-мажоранта меноманд, агар функсияи $\Phi(t)/t^k$ дар $[0,\infty)$ афзуншаванда набошад, $\Phi(0)=0$ ва $\lim\limits_{t\to 0}\Phi(t)=0$ бошад. Ҳолати $k=1$ функсияи Φ, ки шартҳои нишондодашударо қаноат мекунонад, условиям, танҳо мажоранта меноманд.

Бигузор Φ — мажорантаи ихтиёрӣ бошад. Бо символи $W^{(r)}(\mathscr{K}_m,\Phi)$, ки дар ин ҷо $r\in\mathbb{Z}_+$, $m\in\mathbb{N}$, синфи функсияҳои $f\in L_2^{(r)}$-ро ишора мекунем, ки ҳосилаҳои $\mathcal{D}^r f$ шарти

$$\mathscr{K}_m(\mathcal{D}^r f, t^m) \le \Phi(t^m), \quad t>0$$

-ро қаноат мекунонанд.

Теоремаи 3.2.2. *Бигузор $m,n\in\mathbb{N},\ r\in\mathbb{Z}_+$ бошанд. Он гоҳ баробариҳои зерин ҷой доранд:*

$$\rho_n(W^{(r)}(\mathscr{K}_m,\Phi);L_2) = E_{n-1}(W^{(r)}(\mathscr{K}_m,\Phi)) = \frac{1}{\lambda_n^r}\,\Phi\left(\frac{1}{\lambda_n^m}\right),$$

ки дар ин ҷо

$$E_{n-1}(W^{(r)}(\mathscr{K}_m,\Phi)) := \sup\big\{E_{n-1}(f) : f \in W^{(r)}(\mathscr{K}_m,\Phi)\big\},$$

$\rho_n(\cdot)$ *– ихтиёри аз* n*-қутрҳои* $b_n(\cdot)$, $d_n(\cdot)$, $d^n(\cdot)$, $\delta_n(\cdot)$, $\Pi_n(\cdot)$ *мебошад.*

Натиҷаи 3.2.1. *Ҳангоми иҷро шудани шартҳои теоремаи* 3.2.2 *баробариҳои зерин ҷой доранд:*

$$\text{I.}\quad \rho\big(W^{(r)}(\mathscr{K}_m,\Phi); L_2(e^{x^2},\mathbb{R})\big) = \frac{1}{(2n)^r}\Phi\left(\frac{1}{(2n)^m}\right)$$

— барои бисёраъзогиҳои Чебишев–Эрмита;

$$\text{II.}\quad \rho\big(W^{(r)}(\mathscr{K}_m,\Phi); L_2(x^\alpha e^{-x},\mathbb{R}_+)\big) = \frac{1}{n^r}\Phi\left(\frac{1}{n^m}\right)$$

— барои бисёраъзогиҳои Чебишев–Лагерр;

$$\text{III.}\quad \rho\big(W^{(r)}(\mathscr{K}_m,\Phi); L_2((1-x)^\alpha(1+x)^\beta;(-1,1))\big) =$$

$$= \frac{1}{[n(n+\alpha+\beta+1)]^r}\Phi\left(\frac{1}{[n(n+\alpha+\beta+1)]^m}\right)$$

— барои бисёраъзогиҳои Якоби, ки дар ин ҷо $\rho_n(\cdot)$ *— ихтиёри аз* n*-қутрҳои* $b_n(\cdot)$, $d_n(\cdot)$, $\delta_n(\cdot)$, $d^n(\cdot)$ *ва ё* $\Pi_n(\cdot)$ *мебошад.*

Дар параграфи сеюми фасли сеюм сарҳади аниқи болоии наздиккунии беҳтарин аз руйи суммаҳои хусусии қатори Фурйе ба воситаи функсияҳои хоси масъалаи Штурм–Лиувилл барои баъзе синфи функсияҳо, ки бо модули бефосилагии умумикардашуда тавсиф мешаванд, ёфта шудаанд. Ҳалли як қатор масъалаҳои экстремалии наздиккунии беҳтарини функсияҳо бо функсияҳои махсуси мушаххаси физикаи математикӣ оварда мешавад. Дақиқтараш, татбиқи теоремаҳои параграфҳои 2.3 ва 2.4 ба масъалаи наздиккунии беҳтарини якҷояи баъзе функсияҳои махсус оварда мешавад.

Татбиқи теоремаҳои исботкардашудаи параграфҳои 2.3 ва 2.4 ба масъалаи наздиккунии беҳтарини якҷояи баъзе функсияҳои махсуси физикаи математикиро меорем. Муодилаҳои (37) барои функсияҳои махсуси соддаро дар намуди зерин навиштан мумкин аст [24]

$$\frac{d}{dx}\left(k(x)\frac{du}{dx}\right) + \big(\lambda p(x) - q(x)\big)u(x) = 0. \tag{37}$$

I. Муодилаи Бессел

$$\frac{1}{x}\cdot\frac{d}{dx}\left(x\frac{du}{dx}\right) + \left(\lambda - \frac{n^2}{x^2}\right)u(x) = 0$$

ё ин ки

$$\frac{d}{dx}\left(x\frac{du}{dx}\right)+\left(\lambda x-\frac{n^2}{x}\right)u(x)=0$$

ба ҳолати $k(x)=x$, $p(x)=x$, $q(x)=n^2/x$, $a=0$, $b=1$ мувофиқ аст.

Ошкор аст [24], ки функсияи Бессел

$$J_\nu(x)=\left(\frac{x}{2}\right)^\nu\sum_{k=0}^{\infty}\frac{\left(-\frac{x}{2}\right)^k}{k!\Gamma(\nu+k+1)}$$

системаи функсияҳои хоси масъалаи канорӣ мебошад:

$$-\frac{d}{dx}\left(x\frac{du}{dx}\right)+\frac{\nu^2}{x}u=\lambda xu,\ 0<x<1,\ |u(0)|<+\infty,\ u(1)=0, \qquad (38)$$

ки ба қиматҳои хоси $\{\lambda_k^2\}_{k=1}^\infty$ мувофиқанд. Бинобар ҳамин, системаи $\{J_\nu(\lambda_k x)\}_{k=1}^\infty$ пурра ва ортогоналӣ дар фазои $L_2 := L_2([0,1];xdx)$ функсияҳои бо квадрат суммиронидашаванда бо вазни x ва нормаи охирноки

$$\|f\|=\left(\int_0^1 xf^2(x)dx\right)^{1/2}$$

мебошад.

Гузориши $\mathscr{B}:=\frac{1}{x}\cdot\frac{d}{dx}\left(x\frac{d}{dx}\right)-\frac{\nu^2}{x^2}$–ро дохил намуда, муодилаи дифференсиалии Бессел (38)-ро дар намуди зерин менависем:

$$\mathscr{B}u=-\lambda u.$$

Функсияи $T(x,y;t)$-ро ҳамчун суммаи қатори

$$T(x,y;t)=\sum_{k=1}^{\infty}J_\nu(\lambda_k x)J_\nu(\lambda_k y)t^k,\ 0<t<1$$

дохил намуда, дар L_2 оператори умумикардашудаи ғеҷишро ворид мекунем:

$$F_hf(x)=\int_0^1 tf(t)T(x,t;1-h)dt. \qquad (39)$$

Оператори (39)-ро истифода бурда шуда, дар корҳои В.А.Абилов ва Ф.В.Абилова [12], К.Тухлиев [25] модули бефосилагии махсус

$$\Omega_m\big(\mathscr{B}^rf;t\big)=\left\{\sum_{k=1}^{\infty}\big[1-(1-t)^k\big]^{2m}\lambda_k^{4r}c_k^2(f)\right\}^{1/2},\quad 0<t<1 \qquad (40)$$

дохил карда шудааст. Қайд мекунем, ки формулаи (40) аз (11) дар ҳолате, ки $\mathcal{A} := \mathscr{B}$, $\varphi_k(t) = (1-t)^k$ ва λ_k бо λ_k^2 иваз карда мешавад, мебарояд.

Маълум аст, ки ҳамаи теоремаҳои параграфҳои 2.3 ва 2.4 барои оператори Бессел $\mathscr{B}$ дар шаклҳои мувофиқ ҷой доранд:

Теоремаи 3.3.1. *Бигузор $n \in \mathbb{N}$, $r, s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$ бошад. Он гоҳ*

$$\sup_{f \in L_2^r(\mathscr{B})} \frac{E_{n-1}(\mathscr{B}^s f)}{E_{n-1}(\mathscr{B}^r f)} = \frac{1}{\lambda_n^{2(r-s)}}.$$

Теоремаи 3.3.2. *Бигузор $m, n \in \mathbb{N}$, $r, s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$, $t \in (0, 1]$ бошад. Он гоҳ*

$$\sup_{f \in L_2^r(\mathscr{B})} \frac{\lambda_n^{2(r-s)} E_{n-1}(\mathscr{B}^s f)}{\Omega_m(\mathscr{B}^r f, t)} = \left[1 - (1-t)^n\right]^{-m}.$$

Теоремаи 3.3.3. *Бигузор $m, n \in \mathbb{N}$, $r, s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$, $0 < p \leq \infty$, $0 < h \leq 1$, φ — функсияи вазни дар порчаи $[0, h]$ бошад. Он гоҳ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup_{f \in L_2^r(\mathscr{B})} \frac{\lambda_n^{2(r-s)} \cdot E_{n-1}(\mathscr{B}^s f)}{\left(\int\limits_0^h \Omega_m^p(\mathscr{B}^r f; t) q(t) dt\right)^{1/p}} = \left(\int\limits_0^h \left(1 - (1-t)^n\right)^{2m} q(t) dt\right)^{-1/p}.$$

Қайд мекунем, ки теоремаҳои 3.3.1–3.3.3 дар ҳолати $s = 0$ ва $0 < p \leq 2$ қаблан бо ҳисобкунии бевосита ва истифода аз назарияи функсияҳои бесселӣ дар кори К.Тухлиев [24] исбот шуда буданд.

II. Барои $k(x) = 1 - x^2$, $p(x) = 1$, $q(x) \equiv 0$, $a = -1$, $b = 1$ аз (25) муодилаи Лежандрро ҳосил мекунем:

$$\frac{d}{dx}\left((1-x^2)\frac{du}{dx}\right) + \lambda u = 0, \ |u(\pm 1)| < \infty. \tag{41}$$

Ошкор аст [26], ки бисёраъзогиҳои Лежандр

$$P_n(x) = \frac{1}{2^n n!} \cdot \frac{d^n}{dx^n}\left[(x^2-1)^n\right]$$

ҳалли муодилаи (41) бо $\lambda = n(n+1)$ мебошанд, яъне $\{P_n(x)\}_{n=0}^{\infty}$ функсияҳои хусусӣ мебошанд ва ададҳои $\{\lambda_n\}_{n=0}^{\infty} := \{n(n+1)\}_{n=0}^{\infty}$ қиматҳои хусусии оператори Лежандр $\mathscr{L} := \dfrac{d}{dx}\left((1-x^2)\dfrac{du}{dx}\right)$ дар масъалаи (41) мебошанд. Барои оператори Лежандра $\mathscr{L}$ теоремаҳои 2.2.1–2.2.5-ро дар шакли зерин таҳия мекунем.

Теоремаи 3.3.4. *Бигузор* $n \in \mathbb{N}$, $r, s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$ *бошад. Он гоҳ*

$$\sup_{f\in L_2^r(\mathscr{L})} \frac{E_{n-1}(\mathscr{L}^s f)}{E_{n-1}(\mathscr{L}^r f)} = \frac{1}{\big[n(n+1)\big]^{r-s}}.$$

Теоремаи 3.3.5. *Бигузор* $m, n \in \mathbb{N}$, $r, s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$. *Он гоҳ барои ҳамаи қиматҳои* $t \in (0,1)$ *баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup_{f\in L_2^r(\mathscr{L})} \frac{\big[n(n+1)\big]^{r-s} E_{n-1}(\mathscr{L}^s f)}{\Omega_m(\mathscr{L}^r f; t)} = \frac{1}{\big[1-(1-t)^n\big]^m}.$$

Теоремаи 3.3.6. *Бигузор* $m, n \in \mathbb{N}$, $r, s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$, $0 < p \leq \infty$, $h \in (0,1]$ *ва* $q(t)$ *– функсияи вазнӣ дар порчаи* $[0,h]$ *бошад. Он гоҳ баробарии*

$$\sup_{f\in L_2^r(\mathscr{L})} \frac{\big[n(n+1)\big]^{r-s} E_{n-1}(\mathscr{L}^s f)}{\left(\int\limits_0^h \Omega_m^p(\mathscr{L}^r f; t) q(t) dt\right)^{1/p}} = \left(\int\limits_0^h \big[1-(1-t)^n\big]^{mp} q(t) dt\right)^{-1/p}$$

ҷой дорад.

III. Муодилаи дифференсиалии Чебишев–Эрмит

$$\frac{d}{dx}\left(e^{-x^2}\frac{du}{dx}\right) + \lambda e^{-x^2} u = 0 \text{ или } \frac{d^2u}{dx^2} - 2x\frac{du}{dx} + \lambda u = 0 \tag{42}$$

аз муодилаи дифференсиалии (37) ҳангоми $k(x) = e^{-x^2}$, $q(x) = 0$, $p(x) = e^{-x^2}$, $a = -\infty$, $b = \infty$ ҳосил мешавад.

Ҳалли муодилаи дифференсиалии (42) бисёраъзогии Чебишев–Эрмит [26] мебошад, ки шакли зеринро дорад:

$$H_n(x) := \frac{(-1)^n}{\sqrt{n!2^n\sqrt{\pi}}} \cdot e^{x^2} \frac{d^n}{dx^n}\left(e^{-x^2}\right)$$

с $\lambda = 2n$. Агар оператори дифференсиалии Чебишев–Эрмити дараҷаи дуюм

$$\Lambda := \frac{d^2}{dx^2} - 2x\frac{d}{dx} \tag{43}$$

-ро ворид кунем, он гоҳ, чи хеле ки дар корҳои [13, 27] нишон дода шудааст, барои ихтиёри функсия $f \in L_2^r(\Lambda)$ баробарии зерин ҷой дорад:

$$\Omega_m\big(\Lambda^r f, t\big) := \sum_{k=1}^{\infty}\big[1-(1-t^2)^{n/2}\big]^{2m}(2n)^{2r}.$$

Теоремаҳои 2.2.1–2.2.5 барои оператори Λ шаклҳои зеринро мегиранд:

Теоремаи 3.3.7. *Бигузор $n \in \mathbb{N}$, $r, s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$, оператори Λ бо баробарии (43) муайян шуда бошад. Он гоҳ*

$$\sup_{f \in L_2^r(\Lambda)} \frac{E_{n-1}(\Lambda^s f)}{E_{n-1}(\Lambda^r f)} = \frac{1}{(2n)^{r-s}}.$$

Теоремаи 3.3.8. *Бигузор $m, n \in \mathbb{N}$, $r, s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$ бошад. Он гоҳ*

$$\sup_{f \in L_2^r(\Lambda)} \frac{(2n)^{r-s} E_{n-1}(\Lambda^s f)}{\Omega_m(\Lambda^r f, t)} = \frac{1}{\left[1 - (1 - t^2)^{n/2}\right]^m}$$

мебошад.

Теоремаи 3.3.9. *Бигузор $m, n \in \mathbb{N}$, $r, s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$, $0 < p \leq \infty$, $h \in (0, 1]$, $q(t)$ – функсияи вазнӣ дар порчаи $[0, h]$ бошад. Он гоҳ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup_{f \in L_2^r(\Lambda)} \frac{(2n)^{r-s} \cdot E_{n-1}(\Lambda^s f)}{\left(\int\limits_0^h \Omega_m^p(\Lambda^r f, t) q(t) dt\right)^{1/p}} = \left(\int\limits_0^h \left[1 - (1 - t^2)^{n/2}\right]^{mp} q(t) dt\right)^{-1/p}.$$

Равшан аст, ки аз теоремаҳои 3.3.8 ва 3.3.9 мувофиқан барои қиматҳои гуногуни $t \in (0, 1)$ ва $h \in (0, 1]$, $q(t) = t$ метавон натиҷаҳои мушаххасро ворид намуд. Ҳамин тавр, аз теоремаи 3.3.8 барои $t = \sqrt{2/n}$ баробарии асимптотикии зеринро ҳосил мекунем:

$$\sup_{f \in L_2^r(\Lambda)} \frac{(2n)^{r-s} E_{n-1}(\Lambda^s f)}{\Omega_m(\Lambda^r f, \sqrt{2/n})} = \frac{1}{\left[1 - \left(1 - (2/n)\right)^{n/2}\right]^m} \sim \frac{1}{\left(1 - e^{-1}\right)^m} = \left(\frac{e}{e-1}\right)^m.$$

Аз ин баробарӣ якбора нобаробарии намуди Ҷексон–Стечкин барои наздиккунии беҳтарини полиномиалии якҷояи функсияҳо ва ҳосилаҳои пайдарпайи онҳо $\Lambda^s f \in L_2$ мебарояд:

$$E_{n-1}(\Lambda^s f) \leq \left(\frac{e}{e-1}\right)^m \cdot \frac{1}{(2n)^{r-s}} \cdot \Omega_m\left(\Lambda^r f, \sqrt{\frac{2}{n}}\right).$$

IV. Муодилаи Чебишев–Лагерр

$$\frac{d}{dx}\left(x e^{-x} \frac{du}{dx}\right) + \lambda e^{-x} u = 0 \text{ ё ин ки } u'' + (1 - x)u' + \lambda u = 0 \qquad (44)$$

ба $k(x) = xe^{-x}$, $q(x) = 0$, $\rho(x) = e^{-x}$, $a = 0$, $b = \infty$ мувофиқат мекунад. Ҳалли умумии муодилаи дифференсиалии (44) ба воситаи бисёраъзогиҳои Чебишев–Лагерр [26] дода мешавад:

$$L_n(x) = \frac{1}{n!}e^x\frac{d^n}{dx^n}\left(x^ne^{-x}\right). \tag{45}$$

Агар

$$\mathcal{L} := e^x\frac{d}{dx}\left(xe^{-x}\frac{d}{dx}\right)$$

гузорем, он гоҳ бо осонӣ нишон додан мумкин аст, ки функсияҳои махсуси муодилаи оператории

$$\mathcal{L}u = -\lambda u$$

бисёраъзогиҳои (45) мебошанд ва ададҳои хусусӣ $\lambda_n = n$ мебошанд. Дар ин ҳолат теоремаҳои 2.2.3–2.2.5 шакли зеринро мегиранд.

Теоремаи 3.3.10. *Бигузор $n \in \mathbb{N}$, $r, s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$ бошанд. Он гоҳ*

$$\sup_{f\in L_2^r(\mathcal{L})}\frac{E_{n-1}(\mathcal{L}^sf)}{E_{n-1}(\mathcal{L}^rf)} = \frac{1}{n^{r-s}}.$$

Теоремаи 3.3.11. *Бигузор $m, n \in \mathbb{N}$, $r, s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$. Он гоҳ*

$$\sup_{f\in L_2^r(\mathcal{L})}\frac{n^{r-s}E_{n-1}(\mathcal{L}^sf)}{\Omega_m(\mathcal{L}^rf,t)} = \frac{1}{\left[1-(1-t)^n\right]^m},\ t \in (0,1)$$

мебошад.

Теоремаи 3.3.12. *Бигузор $m, n \in \mathbb{N}$, $r, s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$, $0 < p \leq \infty$, $h \in (0,1]$, $q(t)$ – функсияи вазнӣ дар порчаи $[0,h]$ бошад. Он гоҳ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup_{f\in L_2^r(\mathcal{L})}\frac{n^{r-s}\cdot E_{n-1}(\mathcal{L}^sf)}{\left(\int\limits_0^h\Omega_m^p(\mathcal{L}^rf,t)q(t)dt\right)^{1/p}} = \left(\int\limits_0^h\left[1-(1-t)^n\right]^{mp}q(t)dt\right)^{-1/p}.$$

V. Дар анҷоми кор қайд мекунем, ки натиҷаҳои монандро метавон барои бисёраъзогиҳои Якоби низ баён кард, ки шакли зеринро доранд [26]

$$P_n(x;\alpha,\beta) = \frac{(-1)^n}{n!2^n}(1-x)^{-\alpha}(1+x)^{-\beta}\frac{d^n}{dx^n}\left[(1-x)^{\alpha+n}(1+x)^{\beta+n}\right],$$

$\alpha, \beta > -1$ ва муодилаи дифференсиалии

$$\left(1-x^2\right)\frac{d^2u}{dx^2} + \left[\beta-\alpha-(\alpha+\beta+2)x\right]\frac{du}{dx} + n(n+\alpha+\beta+1)u = 0 \tag{46}$$

қаноат мекунонанд. Оператори

$$\mathcal{J}_{\alpha,\beta} := \left(1-x^2\right)\frac{d^2}{dx^2} + \left[\beta-\alpha-(\alpha+\beta+2)x\right]\frac{d}{dx},$$

– ро ворид намуда, муодилаи (46)-ро дар намуди зерин менависем:

$$\mathcal{J}_{\alpha,\beta}u + \lambda y = 0,\ \lambda = n(n+\alpha+\beta+1).$$

Теоремаҳои 2.2.3–2.2.5 дар ин ҳолат ба таври зерин ифода карда мешаванд:

Теоремаи 3.3.13. *Бигузор* $n\in\mathbb{N}$, $r,s\in\mathbb{Z}_+$, $r\geq s$, $\alpha,\beta>-1$ *бошад. Он гоҳ*

$$\sup_{f\in L_2^r(\mathcal{J}_{\alpha,\beta})}\frac{E_{n-1}(\mathcal{J}_{\alpha,\beta}^s f)}{E_{n-1}(\mathcal{J}_{\alpha,\beta}^r f)} = \frac{1}{\left[n(n+\alpha+\beta+1)\right]^{r-s}}$$

мешавад.

Теоремаи 3.3.14. *Бигузор* $m,n\in\mathbb{N}$, $r,s\in\mathbb{Z}_+$, $r\geq s$ *бошад. Он гоҳ*

$$\sup_{f\in L_2^r(\mathcal{J}_{\alpha,\beta})}\frac{\left[n(n+\alpha+\beta+1)\right]^{r-s}E_{n-1}(\mathcal{J}_{\alpha,\beta}^s f)}{\Omega_m(\mathcal{J}_{\alpha,\beta}^r f,t)} = \frac{1}{\left[1-(1-t)^n\right]^m}$$

ҷой дорад.

Теоремаи 3.3.15. *Бигузор* $m,n\in\mathbb{N}$, $r,s\in\mathbb{Z}_+$, $r\geq s$, $0<p\leq\infty$, $h\in(0,1)$, $q(t)$ *– функсияи вазнӣ дар порчаи* $[0,h]$ *бошад. Он гоҳ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup_{f\in L_2^r(\mathcal{J}_{\alpha,\beta})}\frac{\left[n(n+\alpha+\beta)\right]^{r-s}E_{n-1}(\mathcal{J}_{\alpha,\beta}^s f)}{\left(\int\limits_0^h \Omega_m^p(\mathcal{J}_{\alpha,\beta}^r f,t)q(t)dt\right)^{1/p}} = \left(\int\limits_0^h \left[1-(1-t)^n\right]^{mp}q(t)dt\right)^{1/p}.$$

Хулоса

Натиҷаҳои асосии илмии кори диссертатсионӣ

Натиҷаҳои асосии илмии кори диссертатсионӣ аз масъалаҳои зерин иборат мебошанд:

- қиматҳои аниқи сарҳади болоии наздиккунии беҳтарини баъзе синфи векторҳо ба воситаи суммаҳои Фурйе аз руйи системаи ихтиёрии векторҳои ортонормиронидашуда ёфта шудаанд [3-М, 4-М, 5-М, 7-М, 8-М];
- доимиҳои аниқ дар нобаробарии намуди Ҷексон-Стечкин байни бузургии наздиккунии беҳтарини векторҳои $f \in H^r$ ва характеристикаи суфтагии Ω_m ёфта шудааст [1-М, 2-М, 8-М, 11-М];
- қиматҳои аникӣ n-қутрҳои баъзе синфи векторҳо дар фазои гилберти H ҳисоб карда шудааст [1-М, 2-М, 6-М];
- қиматҳои аниқи сарҳади болоии наздиккунии беҳтарин ба воситаи суммаҳои Фурйе аз руйи функсияҳои хусусии масъалаи Штурм-Лиувилл барои баъзе синфи функсияҳо, ки ба воситаи модули бефосилагии умумикардашуда характеризонида мешаванд, ёфта шудаанд [1-М, 4-М, 5-М, 10-М, 11-М];
- нобаробариҳои аниқи намуди Ҷексон-Стечкин, ки бузургии наздиккунии беҳтарин аз боло ҳам бо модули бефосилагии умумикардашуда ва ҳам $\mathscr{K}$-функсионалҳо аз ҳосилаи тартиби r-ум баҳо дода мешаванд, ёфта шудаанд [2-М, 6-М, 9-М].

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Натиҷаҳои дар рисолаи диссертатсионӣ гирифташуда арзиши назариявӣ дошта, барои ёфтани сарҳади аникӣ болоии наздиккунии беҳтарини синфи функсияҳои бисёртағйирёбанда татбиқ карда мешаванд. Фаслҳои диссертатсияро дар алоҳидагӣ ҳангоми хондани курсҳои махсус барои донишҷӯёни курсҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар аз руи ихтисоси «Математика» ва «Математикаи амалӣ» истифода бурдан мумкин аст.

Руйихати адабиёт

[1] Абилов В.А., Абилова Ф.В. Некоторые вопросы приближения 2π-периодических функций суммами Фурье в пространстве $L_2(2\pi)$ // Матем. заметки. – 2004. – Т. 76. – № 6. – С. 803–811.

[2] Вакарчук С.Б., Забутная В.И. Точное неравенство типа Джексона-Стечкина в L_2 и поперечники функциональных классов // Матем. заметки. – 2009. – Т.86. – №3. – С.328–336.

[3] Шабозов М.Ш., Юсупов Г.А. Точные константы в неравенствах типа Джексона и точные значения поперечников некоторых классов функций в L_2 // Сиб. матем. журн. – 2011. – Т.56. – №2. – С.1414–1427.

[4] Шабозов М.Ш., Тухлиев К. Наилучшие полиномиальные приближения и поперечники некоторых функциональных классов в L_2 // Матем. заметки. – 2013. – Т.94. – №6. – С.908–917.

[5] Шабозов М.Ш., Шабозова А.А. Некоторые точные неравенства типа Джексона–Стечкина для периодических дифференцируемых в смысле Вейля функций в L_2 // Тр. ИММ УрО РАН. – 2019. – Т.25. – №4. – С.255–264.

[6] Селимханов Э.В. Точные оценки скорости сходимости ряда Фурье по собственным функциям задачи Штурма–Лиувилля // Вестник науки и образования. – 2018. – № 3 (39). – С.5–13.

[7] Селимханов Э.В. Точные оценки скорости сходимости двойных рядов Фурье по произвольным ортогональным системам // Проблемы современной науки и образования. – 2018. – №4. – С.17–28.

[8] Селимханов Э.В., Абилова Ф.В. Точные оценки скорости сходимости ряда Фурье в гильбертовом пространстве // Вестник науки и образования. – 2019. – №9 (63). – С.5–13.

[9] Селимханов Э.В., Абилова Ф.В. Точные оценки скорости сходимости ряда Фурье по собственным функциям задачи Штурма–Лиувилля // Вестник науки и образования. – 2018. – №9 (39). – С.5–8.

[10] Корнейчук Н.П. Экстремальные задачи теория приближения // Москва. Наука. – 1976.

[11] Абилов В.А., Абилова Ф.В. Некоторые вопросы приближения 2π-периодических функций суммами Фурье в пространстве $L_2(2\pi)$ // Матем. заметки. – 2004. – Т. 76. – № 6. – С. 803–811.

[12] Абилов В.А., Абилова Ф.В. Приближение функций суммами Фурье–Бесселя // Изв. вузов. Матем. – 2001. – №8. С.3–9.

[13] Абилов В.А., Абилова Ф.В. Некоторые вопросы приближения функций суммами Фурье – Эрмита в пространстве $L_2(\mathbb{R}; e^{-x^2})$ // Изв. вузов. Матем. – 2006. – №1. – С.3–12.

[14] Шабозов М.Ш., Тухлиев К. Неравенства Джексона–Стечкина с обобщёнными модулями непрерывности и поперечники некоторых классов функций // Тр. ИММ УрО РАН. – 2015. – Т.21. – №4. – С.292–308.

[15] Тухлиев К., Туйчиев А.М. Среднеквадратическое приближение функций на всей оси с весом Чебышева–Эрмита алгебраическими полиномами // Тр. ИММ УрО РАН. – 2020. – Т.26. – №2. – С.270–277.

[16] Колмогоров А.Н., Фомин С.В. Элементы теории функций и функционального анализа // М.: Наука. – 1978.

[17] Абилов М.В., Айгунов Г.А. Некоторые вопросы приближения функций многих переменных суммами Фурье в пространстве $L_2((a,b)^n; p(x))$ // УМН. – 2004. – Т.59. – Вып. 6. – С.201–202.

[18] Тихомиров В.М. Некоторые вопросы теории приближений // МГУ. – 1976. – 325 С.

[19] Pinkus A. n-Widths by Approximation Theory // Berlin: Springer. – 1985.

[20] Владимиров В.С. Уравнение математической физики // М.: Наука. – 1976. – 527 с.

[21] Butzer P.L., Dyckhoff H., Görlich E., Stens R.L. Best trigonometric approximation, functional order derivatives and Lipschitz classes // Canad. J. Math. – 1977. – V.29. – №4. – P.781–793.

[22] Вакарчук С.Б. О K-функционалах и точных значениях n-поперечников некоторых классов в пространствах $C(2\pi)$ и $L_1(2\pi)$ // Матем. заметки. – 2002. – Т.71. – № 5. – С.522–531.

[23] Шабозов М.Ш., Тухлиев К. K-функционалы и точные значения n-поперечников некоторых классов функций в пространстве $L_2((1-x^2)^{-1/2}; [-1,1])$ // Изв. ТулГу. – 2014. – №1. – Ч.1. – С.83–97.

[24] Тихонов А.Н., Самарский А.А. Уравнения математической физики // М.: Наука. – 1966. – 725 С.

[25] Тухлиев К. Среднеквадратическое приближение функции рядами Фурье-Бесселя и значения поперечников некоторых функциональных классов // Чебышевский сборник. – 2016. – Т.17. – №4. – С.141–156.

[26] Суетин П.К. Классические ортогональные полиномы // М.: Наука. – 1979.

[27] Вакарчук С.Б. Приближение функций в среднем на вещественной оси алгебраическими полиномами с весом Чебышева–Эрмита и поперечники функциональных классов // Матем. заметки. – 2014. – Т.95. – №5. – С.666–684.

ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ОИД БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

1. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

[1-М] Кодиров Д.А. Верхние грани наилучших приближений некоторых классов векторов суммами Фурье по ортонормированной системе векторов в гильбертовом пространстве [Текст] / Д.А.Кодиров // Доклады НАН Таджикистана. – 2021. – Т.64. – №9-10. – С.508–515.

[2-М] Кодиров Д.А. Наилучшие приближения функций рядами Фурье по собственным функциям задачи Штурма–Лиувилля в L_2 [Текст] / Д.А.Кодиров // Известия НАН Таджикистана. Отд. физ.-мат., хим., геол. и техн. н. – 2022. – №4 (189). – С.35–46.

[3-М] Кодиров Д.А. О наилучшем приближении функций рядами Фурье по собственным функциям задачи Штурма–Лиувилля в L_2 и некоторые применения к специальным функциям [Текст] / Д.А.Кодиров // Доклады НАН Таджикистана. – 2023. – Т.66. – №7-8. – С.379–392.

2. Дар дигар нашрияҳо:

[4-М] Кодиров Д.А. Верхние грани наилучшего приближения некоторых классов векторов суммами Фурье по ортонормированной системе векторов в

гильбертовом пространстве [Текст] / Д.А.Кодиров // Материалы международной конференции „*Актуальные проблемы современной математики*", посвященной 80-летию со дня рождения доктора физико-математических наук, профессора Т.Собирова (Душанбе, 25-26 июня 2021 г.). – С.121–123.

[5-М] Кодиров Д.А. Верхние грани наилучших приближений некоторых классов векторов суммами Фурье по ортонормированной системе векторов в гильбертовом пространстве [Текст] / Д.А.Кодиров // Материалы республиканской научно-практической конференции „*Современные проблемы прикладной математики и их роль в формировании технического мировоззрения общества*", посвященной 30-летию Государственной независимости Республики Таджикистан и «Двадцатлетию изучения и развития естественных, точных и математических наук» (Худжанд, 2021 г.). – С.43–45.

[6-М] Кодиров Д.А. Наилучшие приближения функций рядами Фурье по собственным функциям задачи Штурма–Лиувилля в пространстве L_2 [Текст] / Д.А.Кодиров // Материалы международной научной конференции „*Современные проблемы математического анализа и теории функций*", посвященной 70-летию академика НАН Таджикистана М.Ш.Шабозова. (Душанбе, 24-25 июня 2022 г.). – С.78–81.

[7-М] Кодиров Д.А. О наилучшем совместном приближении функций рядами Фурье по собственным функциям задачи Штурма–Лиувилля в L_2 [Текст] / М.Ш.Шабозов, Д.А.Кодиров // Материалы международной научной конференции „*Современные проблемы математики и её приложения*", посвященной Двадцатилетию изучения и развития естественных, точных и математических наук (Душанбе, 27 мая 2022 г.). – С.4–8.

[8-М] Кодиров Д.А. Наилучшее приближение некоторых классов векторов суммами Фурье по произвольной ортонормированной системе векторов в гильбертовом пространстве [Текст] / Д.А.Кодиров // Материалы республиканский научно-практической конференции „*Актуальные проблемы и перспективы развития естественных и точных наук*", (Душанбе, 28-29 октября 2022 г.). – С.32–35.

[9-M] Кодиров Д.А. Приближение функций рядами Фурье по собственным функциям задачи Штурма–Лиувилля в L_2 [Текст] / Д.А.Кодиров // Материалы международной конференции „*Современные проблемы математики*”, посвященной 50-летию Института математики им. А.Джураева Национальной академии наук Таджикистана. (Душанбе, 26-27 мая 2023 г.). – С.101–104.

[10-M] Кодиров Д.А. О наилучших приближениях некоторых классов векторов суммами Фурье по произвольной ортонормированной системе векторов в гильбертовом пространстве [Текст] / Д.А.Кодиров // Материалы международной научно-практической конференции „*Современные проблемы математики и её преподавания*”, посвященной 35-летию Государственной независимости Республики Таджикистан, 30-летию Конституции Республики Таджикистан, «Двадцатилетию изучения и развития естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования» и 70-летию доктора физико-математических наук К.Тухлиева. (Худжанд, 21-22 июня 2024 г.). – С.42–45.

[11-M] Кодиров Д.А. Наилучшее приближение функций рядами Фурье по собственным функциям в L_2 [Текст] / Д.А.Кодиров // Материалы международной научно-практической конференции „*Математика в современном мире*”, посвященной Двадцатилетию изучения и развития естественных, точных и математических дисциплин в области науки и образования и 70-летию доктора физико-математических наук С.Байзоева (Худжанд, 20 апреля 2024 г.). – С.156–160.

АННОТАТСИЯИ

диссертатсияи Қодиров Далер Абдушукурович дар мавзуи «Баҳодиҳии аниқи суръати наздикшавии қаторҳои Фурйе аз руи системаҳои ортонормиронидашудаи ихтиёрӣ дар фазои гилбертӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D060100 – Математика: 6D060101 – Таҳлили ҳақиқӣ, комплексӣ ва функсионалӣ

Вожаҳои калидӣ: *наздиккунии беҳтарин, сарҳадҳои болоӣ, модули бефосилагӣ, масъалаи Штурм–Лиувилл, $\mathscr{K}$-функсионал, n-қутрҳо, системаи ортонормиронидашудаи векторҳо, мажорант.*

Мақсади кор. Мақсади асосии кори диссертатсионӣ дар ҳалли масъалаҳои экстремалӣ, ки бо ёфтани қимати аниқи сарҳади болоии наздиккунии беҳтарин ба воситаи қаторҳои Фурйе аз руйи ихтиёри системаи векторҳои ортогоналӣ дар фазои гилбертӣ ва татбиқи онҳо дар қаторҳои Фурйе аз руйи функсияҳои хусусии масъалаи Штурм–Лиувилл мебошад.

Усулҳои таҳқиқот. Дар кори диссертатсионӣ усулҳои навтарини таҳлили функсионаӣ ва усулҳои ҳалли масъалаҳои экстремалӣ ба таври васеъ истифода шудаанд.

Навоварии илмии таҳқиқот. Хамаи натиҷаҳои дар кори диссертатсионӣ гирифташуда, нав мебошанд. Натиҷаҳои асосии зерин гирифта шудааст:

- қиматҳои аниқи сарҳади болоии наздиккунии беҳтарини баъзе синфи векторҳо ба воситаи суммаи Фурйе аз руйи ихтиёри системаи векторҳои ортонормиронидашуда ёфта шуданд;
- доимиҳои аниқ дар нобаробариҳои намуди Ҷексон-Стечкин байни бузургии наздиккунии беҳтарини векторҳои $f \in H^r(A)$ ва характеристикаи суфтагии Ω_m ёфта шуданд;
- қиматҳои аниқи n-қутрҳои баъзе синфи векторҳо дар фазои гилбертии H ёфта шуданд;
- қиматҳои аниқи сарҳади болоии наздиккунии беҳтарини функсияҳо ба воситаи суммаҳои Фурйе аз руйи функсияҳои хусусии масъалаи Штурм-Лиувилл барои баъзе синфи функсияҳо, ки ба воситаи модули бефосилагии умумикардашуда характеризонида мешаванд, ёфта шуданд;
- нобаробариҳои намуди Ҷексон-Стечкин, ки дар онҳо бузургии наздиккунии беҳтарин аз боло ба воситаи ҳам модули бефосилагии умумикардашуда ва ҳам $\mathscr{K}$-функсионал аз ҳосилаи тартиби r-ум баҳо дода мешаванд, ёфта шудаанд.

Арзишҳои назариявӣ ва амалӣ. Кори диссертатсионӣ дорои арзишҳои назариявӣ мебошад. Натиҷаҳои дар кори диссертатсионӣ ба даст овардашуда ва усулҳои исботи онҳоро дар ҳалли масъалаҳои экстремалии назарияи қаторҳои ортогоналӣ истифода бурдан мумкин аст.

АННОТАЦИЯ

диссертации Кодирова Далера Абдушукуровича на тему «Точные оценки скорости сходимости рядов Фурье по произвольной ортонормированной системе в гильбертовом пространстве», представленной на соискание учёной степени доктора философии (PhD) – доктор по специальности 6D060100 – Математика: 6D060101 – Вещественный, комплексный и функциональный анализ

Ключевые слова: *наилучшее приближение, верхние грани, модуль непрерывности, задача Штурма–Лиувилля,* $\mathscr{K}$*-функционал,* n*-поперечники, ортонормированная система векторов, мажоранта.*

Цель работы. Основная цель диссертационной работы заключается в решении экстремальных задач, связанных с отысканием точного значения верхней грани наилучшего приближения суммами Фурье по произвольной ортогональной системе векторов в гильбертовом пространстве и их приложение к рядам Фурье по собственным функциям задачи Штурма–Лиувилля.

Методы исследования. В работе широко используются новейшие методы функционального анализа и методы решения экстремальных задач.

Научная новизна. Все полученные в диссертационной работе результаты являются новыми. Получены следующие основные результаты:

- найдены точные значения верхних граней наилучших приближений некоторых классов векторов суммами Фурье по произвольной ортонормированной системе векторов;
- найдены точные константы в неравенствах типа Джексона–Стечкина между величиной наилучшего приближения векторов $f \in H^r(A)$ и характеристикой гладкости Ω_m;
- найдены точные значения n-поперечников некоторых классов векторов в гильбертовом пространстве H;
- найдены точные значения верхних граней наилучших приближений суммами Фурье по собственным функциям задачи Штурма–Лиувилля на некоторых классах функций, характеризующихся обобщённым модулем непрерывности;
- найдены точные неравенства типа Джексона–Стечкина, в которых величины наилучших приближений оцениваются сверху как через обобщённый модуль непрерывности, так и через $\mathscr{K}$-функционалы r-ых производных.

Теоретическая и практическая ценность. Работа носит теоретический характер. Результаты диссертационной работы и методы их доказательств можно применять в экстремальных задачах теории ортогональных рядов.

SUMMARY
of the dissertation Qodirov Daler Abdushukurovich on the topic «Sharp estimates of the rate of convergence of Fourier series with respect to an arbitrary orthonormal system in a Hilbert space» submitted for the degree of Doctor of Philosophy (PhD) the degree of 6D060100 – Mathematics: 6D060101 – Real, complex and functional analysis

Key words: *best approximation, upper bounds, modulus of continuity, Sturm–Liouville problem, $\mathscr{K}$-functional, n-width, orthonormal system of vectors, majorant.*

Work objectives. The main objective of the dissertation is to solve extremal problems related to determining the exact value of the upper bound of the best approximation by Fourier sums with respect to an arbitrary orthogonal system of vectors in a Hilbert space, and to apply these results to Fourier series with respect to the eigenfunctions of the Sturm–Liouville problem.

Research methods. The study extensively employs modern methods of functional analysis and techniques for solving extremal problems.

Scientific novelty. All the results obtained in the thesis are new. The following main results were obtained:

- Exact values of the upper bounds of the best approximations for certain classes of vectors by Fourier sums with respect to an arbitrary orthonormal system of vectors have been obtained;
- Sharp constants in Jackson–Stechkin-type inequalities relating the best approximation of vectors $f \in H^r(A)$ to the smoothness characteristic Ω_m have been found;
- Exact values of the n-widths for certain classes of vectors in a Hilbert space H have been determined;
- Exact upper bounds of the best approximations by Fourier sums with respect to the eigenfunctions of the Sturm–Liouville problem on certain classes of functions characterized by a generalized modulus of continuity have been obtained;
- Sharp Jackson–Stechkin-type inequalities have been established, in which the best approximation is estimated from above both via the generalized modulus of continuity and via the $\mathscr{K}$-functionals of the r-th derivatives.

Theoretical and practical value. The work is theoretical in nature. The results of the dissertation and the methods used in their proofs can be applied to extremal problems in the theory of orthogonal series.